*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 138 (4558) | ҶУМЪА, 11 НОЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# ТО ИМРӮЗ БАРОИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ 400 БИНОИ НАВ СОХТА ШУДААСТ

**Суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи қисми ҳарбии 3505-и Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**шаҳри Душанбе, 9-уми ноябри соли 2022**

**Муҳтарам генералҳо, афсарон ва хизматчиёни мақомоти корҳои дохилӣ!**

Имрӯз, ки мо дар арафаи ҷашни таъсисёбии милитсияи Тоҷикистон, яъне иди касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ қарор дорем, тамоми кормандони милитсия, хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ ва собиқадоронро самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки онҳо тандурустиву оромӣ ва дар фаъолияти пуршарафашон барори кору муваффақият орзу менамоям.

Расидан ба истиқлолияти давлатӣ дар таърихи милитсияи Тоҷикистон давраи навро оғоз намуд ва шароит фароҳам овард, ки кормандони ин ниҳод бо дарки масъулият, ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарастӣ ба хотири ҳимояи ин неъмати арзишмандтарини зиндагии давлату миллат, яъне истиқлолу озодӣ вазифаи муқаддасу ҷонии худро сарбаландона ба ҷой оваранд.

Бо қаноатмандӣ иброз медорам, ки кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ то имрӯз якҷо бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ барои таъмини суботу оромӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, волоияти қонун, мубориза бо ҷинояткорӣ ва пешгирӣ кардани ҳама гуна қонунвайронкуниҳо содиқона ва ҷавонмардона хизмат карда истодаанд.

Мақомоти корҳои дохилӣ, хусусан дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, масъулияти басо душвор – ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои мардум, ҳифзи молу мулк, таъмини оромиву осоиш ва мубориза бо гурӯҳҳои ҷинояткорро ба уҳда доштанд ва масъулияти худро бо сари баланд иҷро карданд.

Тайи солҳои сипаришуда ҳайати шахсии милитсияи тоҷик дар муқовиматҳои шадиди ҷанги шаҳрвандӣ ва мубориза ба муқобили гурӯҳҳои мусаллаҳи ҷиноятпеша, террористону ифротгароён, қочоқчиёни маводи мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятқориҳои муташаккили фаромиллӣ таҷрибаи зиёди касбӣ пайдо кард.

Таъкид менамоям, ки терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳо, бахусус солҳои охир, барои аҳли башар, аз ҷумла минтақаи мо ба таҳдиди ҷиддӣ табдил ёфтаанд.

Дигар хатари ҷиддие, ки метавонад оромиву суботи ҷомеаи моро халалдор созад, шомилшавии баъзе ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳайати шахсии сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти корҳои дохилиро зарур аст, ки дар мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои зикршуда ва кӯшишҳои халалдор сохтани вазъи муътадили ҷомеа ҳамеша ҳушёру омода бошанд ва дар ин раванд ба масъалаи баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии худ эътибори ҷиддӣ ва доимӣ диҳанд.

Имрӯз гурӯҳҳои ифротиву террористӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои нопоки худ, аз ҷумла дар самти ҷалби ҷавонон, аз имконияту воситаҳои технологии пешрафта, васеъ истифода мебаранд, ки ин масъала низ бояд дар маркази таваҷҷуҳ ва чораҷӯии роҳбарону масъулони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор дошта бошад.

Дар натиҷаи кӯшишу талошҳои шабонарӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла милитсия, дар роҳи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ тавассути гузаронидани амалиёти махсус садҳо нафар аъзо ва тарафдорони гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ дастгир ва ба ҷавобгарии қонунӣ кашида шудаанд.

Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, дар баробари терроризму экстремизм ва дигар зуҳуроти номатлуб, аз ҷумлаи хавфу хатарҳои ҷиддӣ ба ҳисоб рафта, ба оромии ҷомеа ва тартиботи ҷамъиятӣ, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, солимии ҷомеа ва ҳаёти одамон таҳдид менамояд.

Натиҷаи фаъолияти самараноки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, масъулиятшиносӣ ва малакаи баланди касбии онҳост, ки дар тӯли солҳои сипаригардида садҳо гурӯҳи муташаккили нашъаҷаллоб дастгир ва аз онҳо ҳазорҳо килограмм маводи мухаддир мусодира карда шудааст.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон барои таҳкими асосҳои моддиву техникии ин сохтори бонуфуз, ба хизмат ҷалб кардани кормандони баландихтисос ва содиқ ба давлату миллат, беҳтар намудани шароити зиндагӣ ва хизматии ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилӣ ҳамеша таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Қобили зикр аст, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат то имрӯз барои мақомоти корҳои дохилӣ 400 иншооту биноҳои нав сохта, ба истифода дода шудаанд.

Илова бар ин, дар доираи ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати дастгирии ятимон, бепарасторон ва оилаҳои камбизоат, барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эътимод ба давлату миллат тарбия кардани онҳо Коллеҷи милитсияи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Кӯлоб ва бо мақсади бо кадрҳои соҳибмаълумот таъмин намудани Хадамоти давлатии оташнишонӣ Коллеҷи оташнишонӣ - техникии вазорат таъсису бунёд гардида, ҳоло дар онҳо садҳо нафар наврасону ҷавонон таҳсил карда истодаанд.

**Муҳтарам афсарону сарбозони шуҷои Ватан!**

Қӯшунҳои дохилӣ яке аз сохторҳои калидии Вазорати корҳои дохилӣ ба ҳисоб рафта, саҳми онҳо дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ ва дигар омилҳои халалдоркунандаи ҳаёти осоиштаи мардум назаррас мебошад.

Қӯшунҳои дохилӣ баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар шароити ниҳоят душвору мураккаб ҳамчун аввалин сохтори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ШАҲРИ ВАҲДАТ



**10-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо рафти корҳои ободонию созандагӣ ва ифтитоҳи як қатор иншоот ба шаҳри Ваҳдат ташриф оварданд.**

Дар маркази шаҳр Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бинои Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар шаҳри Ваҳдатро ифтитоҳ намуда, бо шароити кор дар он шинос шуданд.

Бинои чорошёна дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи замон бунёд шудааст. Дар ошёнаи якуми он ғайр аз ҳуҷраҳои корӣ ва шуъбаи бойгонӣ китобхона бо тарҳи замонавӣ низ бунёд шудааст, ки дар он асарҳои мондагори Пешвои миллат, рӯзномаву маҷаллаҳо ва китобҳои шоирону нависандагони классику муосир ҷойгиранд.

Бинои замонавӣ бо ҷонибдорӣ аз сиёсати созандаву бунёдкоронаи Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмини шароити арзандаи кор ва пешбурди фаъолияти назарраси кормандон бо дастгирии Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар шаҳри Ваҳдат, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва саҳми соҳибкорон дар макони мувофиқ ва тарҳи зебо бунёд шуда, ҳуҷраҳои кории он бо мизу курсӣ ва дигар таҷҳизоти зарурӣ таъмин мебошад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи таъин намудани интихоботи машваратчиёни халқии Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» **фармон медиҳам:**

1. Интихоботи машваратчиёни халқии Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо аз 21-уми ноябр то 21-уми декабри соли 2022 гузаронида шавад.
2. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо дар муҳлати муқаррарнамудаи банди 1 ҳамин фармон гузаронидани интихоботи машваратчиёни халқиро мувофиқи Низомнома дар бораи машваратчиёни халқӣ таъмин намоянд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 10-уми ноябри соли 2022, № 474**

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ НАВИ ҲАРБӢ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**9-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои қисми ҳарбии 3505-и Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо шароити будубоши хизматчиёни ҳарбӣ шинос шуданд.**

Дар бинои сеошёна барои хизмати афсарону сарбозон мутобиқ ба талабот шароит фароҳам оварда шудааст. Дар ошёнаи якум ҳуҷраҳои кории афсарон, нуқтаи тиббӣ, дар ошёнаи дуюму сеюм хобгоҳ барои будубош, ҳаммом, китобхона ва маҷлисгоҳ ҷойгир мебошад. Дар назди иншоот ошхона бо 160 ҷой, толору майдончаҳои муосири варзишӣ, майдони сафоройӣ ва дигар инфрасохтори зарурӣ сохта шудааст.

Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шароити фароҳамшуда баҳои баланд дода, афсарону сарбозонро барои содиқона хизмат намудан ба нафъи давлату миллат ва ҳифзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳидоят карданд.

Ҳадаф ва рисолати афсарони қисми ҳарбии 3505-и Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими иқтидори ҷангии Қӯшунҳои дохилӣ вобаста ба таъмини амният, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи иншооти махсуси муҳими давлатӣ, мубориза бар зидди терроризм, қочоқи ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили ба амнияти ҷомеа хавф эҷодкунанда ба ҳисоб меравад.

Пас аз боздиди бинои қисми ҳарбӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар расми гузашти низомӣ иштирок ва суханронӣ карданд.

---

**www.president.tj**

**Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**



# ТАҚВИЯТБАХШӢ БА МЕЪЁРҲОИ ТАНЗИМКУНАНДАИ СОҲАИ РЕКЛАМА

**Даҳуми ноябри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Муҳтарам вакилон!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 56 вакил ҳузур доранд.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласа Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд!**

Ба рӯзномаи ҷаласа се масъала пешниҳод шудааст. Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳиш мекунам мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ».**

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# МУЛОҚОТУ ВОХӮРИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

## ДАР ҲОШИЯИ КОНФРОНСИ 27-УМИ ҶОНИБҲОИ КОНВЕНСИЯИ ҚОЛАБИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ДАР ШАҲРИ ШАРМ - УШ - ШАЙХИ ҶУМҲУРИИ АРАБИИ МИСР



**8-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27) бо Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гутерриш мулоқот карданд.**

Дар вохӯрӣ масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи кунунии ҳамкориҳои ҷонибҳо изҳори қаноатмандӣ карда, омодагии Тоҷикистонро барои идома ва густариши минбаъдаи робитаҳои судманд бо СММ ва ниҳодҳои он иброз намуданд.

Таъкид гардид, ки имсол аз узвияти Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид 30 сол пур шуд ва кишвари мо дар ин муддат дар роҳи рушди устувор ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Ҷонибҳо зимни мулоқот масъалаҳои татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор, рафъи хатару таҳдидҳои муосир, таъмини арзишҳои волои инсоният, муқовимати муосир ба хатару таҳдидҳои замони муосирро баррасӣ карданд. Масъалаи вобаста ба вазъият дар Афғонистон ва таъсири он ба минтақа низ баррасӣ гардид.

Дар рафти суҳбат ҷонибҳо оид ба ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти ҳалли норасоии оби ошомиданӣ, тағйирёбии иқлим, обшавии пиряхҳо ва дигар талошҳои арзишманди кишвар низ табодули андеша карданд.

Таъкид шуд, ки тайи чанд даҳсолаи охир дар Тоҷикистон як ҳазор пирях пурра об шудааст. Офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти кишвар 250 миллион доллар зарари моливу моддӣ расонида, дар бисёр мавридҳо боиси талафоти ҷонӣ ҳам гаштааст.

Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид саҳми пешвоӣ ва калидии Тоҷикистон ва Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ, бахусус мушкилоти вобаста ба об ва масъалаҳои умдаи амниятӣ, таъкид намуд.



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27), инчунин, бо президенти Бонки ҷаҳонӣ Дэвид Малпас мулоқот карданд.**

Дар рафти вохӯрӣ вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои ҳамкории Тоҷикистону Бонки ҷаҳонӣ баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи шарикии миёни Тоҷикистону Бонки ҷаҳонӣ ва нақши муассири ин ниҳоди бонуфузи молиявӣ дар татбиқи лоиҳаву барномаҳои рушди соҳаҳои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвари мо, хусусан кумакҳои расида ба кишвар дар давраи бемории сироятии коронавирус ва рафъи пайомадҳои он, изҳори қаноатмандӣ карданд.

Ҷонибҳо зимни мулоқот оид ба дарёфти роҳҳои нави ҳамкорӣ дар самти коҳиш додани таъсири омилҳои беруна ба иқтисоди Тоҷикистон, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории рушди инфрасохтор, аз байн бурдани маҳдудиятҳои содиротиву воридотӣ ва транзити молу маҳсулот, инчунин дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ, табодули андеша карданд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз президенти Бонки ҷаҳонӣ барои анҷом додани сафар ба Тоҷикистон даъват ба амал оварданд.



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Шарм-уш-Шайхи Ҷумҳурии Арабии Миср дар ҳошияи Конфронси бисту ҳафтуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27) бо Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф низ мулоқот карданд.**

Дар ҷараёни суҳбати самимӣ масоили ҳамкории Тоҷикистону Покистон дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯбаи ташкилоту созмонҳои бонуфузи олам, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

**www.president.tj**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ШАҲРИ ВАҲДАТ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар ошёнаи дуюм ва сеюми иншоот 9 ҳуҷраи корӣ барои мутахассисон пешбинӣ шудааст, ки дорои шароити мувофиқи хизматрасонӣ мебошад.

Толори барҳавои маҷлисгоҳ бо 100 ҷои нишаст дар ошёнаи чоруми бино ҷойгир буда, барои гузаронидани маҳфилу чорабиниҳои гуногун макони мусоид ба ҳисоб меравад.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ваҳдат, ҳамчунин, бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 3-ро ба истифода супориданд, ки бо ҷонибдорӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати мамлакат ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби соҳибкори ватанӣ, собиқ хатмкардаи муассиса Евгений Мулоқандов сохта шудааст.**



Дар муассисаи тозабунёд, ки аз се ошёна иборат аст, 720 хонанда дар ду баст ба таҳсил фаро гирифта мешавад. Он дорои 13 синфхона, аз ҷумла технологияи иттилоотӣ, таълими меҳнат, ҳуҷраи омӯзгорон ва дигар иншооти ёрирасон, буда, бо дастгоҳу аёнияти таълимӣ муҷаҳҳаз аст.

Бо ифтитоҳи бинои нави таълимӣ шумораи синфхонаҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 дар шаҳри Ваҳдат ба 55 адад расида, мушкили норасоии ҷои нишаст барои хонандагон ҳал гардид.

Раванди омӯзиш дар муассисаи таълимӣ бо забонҳои тоҷикиву русӣ ба роҳ монда шуда, дар бинои нави он 26 нафар ва дар маҷмӯъ дар мактаб 80 омӯзгори ботаҷриба ба таълиму тарбияи насли наврас машғуланд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо шароити таълиму тарбияи хонандагон дар даргоҳи нави маърифат бо лоиҳаи иншооти нави ёрирасони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3 дар шаҳри Ваҳдат шинос шуданд.

Соҳибкори ватанӣ иқдом гирифтааст дар назди ин муассисаи таълимӣ барои хонандагон китобхона, ошхона, майдонча ва қасри варзишӣ сохта, ба истифода диҳад. Дар асоси лоиҳа, китобхонаю ошхонаи муассисаи таълимӣ дар масоҳати 400 метри мураббаъ, ҳар кадоме бо 200 ҷои нишаст, сохта мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкори ватанӣ барои ҷонибдорӣ аз сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат ва саҳмгузорӣ дар рушди соҳаи илму маориф ҷиҳати фароҳам овардани шароити замонавии таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон изҳори сипос намуданд.

**Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ваҳдат, инчунин, бинои Маркази ташхисию табобатии «Ҳоким»-ро мавриди истифода қарор доданд, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Эмомалӣ Азимов бунёд ёфтааст.**

Бо бунёди бинои чорошёнаи маркази ташхисию табобатии муосир 40 ҷои нави кор муҳайё гардид. Дар он 13 ҳуҷра барои бистарӣ кардани беморон бо 40 кат мавҷуд буда, имкон аст, ки дар як вақт то 100 нафар ба табобати амбулаторӣ фаро гирифта шавад. Инчунин, марказ дорои озмоишгоҳи замонавӣ мебошад, ки дар он таҳлилҳои гуногун гузаронда мешавад.

Дар ошёнаи якуми он толори варзишӣ, ҳавзи шиноварӣ, ҳаммоми буғӣ ва хушк, ошхона, ҳуҷраи гиёҳдармонӣ ҷойгир аст. Дар ошёнаи дуюм ҳуҷраҳои ташхиси рентгенӣ, ултрасадо, табобати дандон, сабти барқии дил, физиотерапевтӣ, озмоишгоҳи биохимиявӣ ва вирусологӣ ва ҳуҷраи кории табибон сохта шудааст. Дар ошёнаи сеюм шуъбаи муолиҷавӣ бо 24 кати хоб, шуъбаи ҷарроҳии умумӣ, эҳёгарӣ бо 8 кати хоб ва 2 ҳуҷраи табобати баъдиҷарроҳӣ бо 8 кати хоб мавҷуд аст. 16 хонаи якҳуҷрагии истиқоматӣ барои табибону кормандон бошад, дар ошёнаи 4 - уми бино ҷойгир мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити фароҳамшуда дар маркази ташхисию табобатӣ ба корҳои анҷомёфта баҳои хуб дода, ба табибон маслиҳат доданд, ки бо истифодаи васеъ аз имкониятҳои марказ ба сокинон босифату саривақтӣ хизмати тиббӣ расонанд.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ваҳдат марҳилаи якуми корхонаи парандапарварии ҶДММ «Баҳори пурфайз»- ро низ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Ба хотири рушди соҳаи парандапарварӣ дар мамлакат ва таъмини бозорҳои дохилӣ бо маҳсулоти аълосифати ватанӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ карда шудааст. Бо истифода аз чунин имтиёзҳо Корхонаи парандапарварии «Баҳори пурфайз»-ро соҳибкори маҳаллӣ Эргаш Отаҷонов бунёд намуд, ки дар он 30 нафар сокини маҳаллӣ соҳиби ҷои кори доимӣ гардиданд.

Ҷамъият ба истеҳсоли гӯшти паранда машғул буда, имкон дорад, ки дар як сол то 1 ҳазору 600 тонна гӯшти парҳезии мурғро ба бозорҳои мамлакат ба фурӯш барорад. Дар як марҳилаи парвариши паранда, ки то 45 рӯзро дар бар мегирад, дар корхонаи нав 120 ҳазор сар мурғ нигоҳубин карда мешавад ва ҳамин гуна, дар як сол то 600 ҳазор сар паранда парвариш шуда, барои истеҳсоли гӯшти аълосифат омода мегардад.

Корхонаи парандапарварӣ дар асоси технологияи туркӣ фаъолият намуда, тақсими дону об ба парандаҳо ба таври автоматӣ ҷараён мегирад. Ҳамчунин, ҳарорати дохили фермаро дастгоҳҳои муосири соҳавӣ назорат карда, мутобиқи талаботи соҳавӣ ҳавои дохил ба таври автоматӣ иваз карда мешавад. Вижагии дигари корхонаи навбунёд дар он аст, ки гармии дохили фермаҳои парандапарварӣ дар сардиҳои зимистон тариқи гармии системаи ба воситаи дегхонаи алоҳида фаъолияткунанда таъмин мегардад.

ҶДММ «Баҳори пурфайз» дар масоҳати 7,5 гектар замин бунёд гардида, аз нуҳ бинои якошёна ва ду бинои дуошёна иборат аст. Сохтмони фермаи дуошёнаи парандапарварӣ дар минтақа беназир буда, имконият медиҳад, ки саршумори паранда барои нигоҳубин ва истеҳсоли гӯшт зиёд карда шавад. Танҳо дар як бинои дуошёна ҳоло ҷамъият то 40 ҳазор сар чӯҷаро нигоҳубин намуда, барои дуруст калон шудану вазнгирии онҳо шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

«Баҳори пурфайз» нигоҳубин ва парвариши мурғи навъи «Бройлер»-ро роҳандозӣ намудааст. Он то 2,5 килограмм вазн гирифта, таъму лаззати хоса дорад.

Зимни шиносоӣ бо фаъолияти корхонаи навбунёд Сарвари давлат иқдоми соҳибкори ватандӯстро шоистаи таҳсин арзёбӣ карда, барои боз ҳам афзудани саршумор ва тақвияти иқтидори истеҳсолӣ дастуру ҳидоятҳо доданд.



Дар саҳни корхонаи навбунёд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намоиши маҳсулоти корхона ва кишоварзони шаҳри Ваҳдатро аз назар гузарониданд. Дар он анвои гуногуни маҳсулоти ниҳоии паранда, ки бо шаклу навъи бозоргир бастабандӣ гардидааст, пешниҳод карда шуд.

**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба шаҳри Ваҳдат, инчунин, ба деҳоти «Ромит» ташриф оварда, бо ҷараёни навсозии роҳҳои маҳаллӣ шинос шуданд.**

Мавриди зикр аст, ки роҳҳои деҳоти «Ромит» аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Пакрут» аз соли 2019 инҷониб ҳар сол таъмиру таҷдид карда мешаванд. То ҳол аз ҷониби корхона беш аз 10 километр роҳҳои маҳаллии деҳоти «Ромит» мумфарш ва навсозӣ шудааст.

Аснои шиносоӣ бо қитъаҳои роҳи таъмиру навсозишуда ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки соли 2019 бо мақсади боз ҳам беҳтар кардани рафтуомади аҳолӣ ва воситаҳои нақлиёт як километр роҳи деҳаи Хушон бо маблағи 350 ҳазор сомонӣ мумфарш карда шуд. Ҳамин тавр солҳои минбаъда ин раванд идома ёфта, соли 2021 боз се километр роҳи мавзеи Мамнӯъгоҳи «Ромит-деҳаи Хушон» бо сарфи 1 миллиону 784 ҳазор сомонӣ таъмиру навсозӣ гардид. Соли равон низ, тибқи нақша, беш аз 6 километр роҳ мумфарш карда шуд

Сарвари давлат бо қаноатмандӣ аз иқдоми пешгирифта масъулинро ҷиҳати бо сифати баланд анҷом додани навсозии қитъаи роҳ ҳидоят намуданд.

Бо назардошти он ки баъзе аз қитъаҳои роҳи пешгирифта аз соҳили дарё мегузарад, барои пешгирии баландшавии эҳтимолии об ва шусташавии роҳ тадбирҳои соҳилбандӣ анҷом дода мешавад.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзеи Олучадараи деҳоти «Ромит» ҳавзҳои моҳипарварии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Баҳор» - ро аз назар гузарониданд.**

Роҳбарияти корхона ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави инкубатсионӣ ва 40 ҳавзи навро муаррифӣ карданд.

Ҳамаи масолеҳи сохтмонӣ ватанӣ буда, барои ободу зебо кардани минтақаи вайрону валангор ва ноободи соҳили дарёча истифода гардидааст. Дар даромадгоҳи ҳамин мавзеъ аз тарафи соҳибкор иншооти сеошёна бо сардхона барои 100 тонна маҳсулот, ошхона ва меҳмонхона бунёд шудааст.

Ҳоло коргарони ҷавони хоҷагии моҳипарварӣ дар самти тайёр кардани кирминамоҳӣ дар бинои инкубатсионӣ таҷрибаи кофӣ андӯхта, барои рушди соҳа ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли моҳӣ самаранок фаъолият доранд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми роҳбарону коргарони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Баҳор» барои мусоидат ба рушди соҳаи моҳипарварӣ, сайёҳӣ, инчунин таъсиси ҷойҳои кор изҳори сипос карданд.

Соҳибкори ватанӣ Саидмуҳриддин Сайфов уҳдадор шуд, ки оянда бо бунёди ҳавзҳои дигари моҳипарварӣ ва ташкили инфрасохтори сайёҳӣ ҷойҳои нави кор таъсис медиҳад.

**www.president.tj**

# ТО ИМРӮЗ БАРОИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ 400 БИНОИ НАВ СОХТА ШУДААСТ

## Суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи қисми ҳарбии 3505-и Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**шаҳри Душанбе, 9-уми ноябри соли 2022**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар солҳои душвори мухолифатҳои дохилӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ афсарону сарбозони Қӯшунҳои дохилӣ қарзи ватандории худро садоқатмандона иҷро карда, дараҷаи баланди маҳорати касбиву ҷангӣ нишон доданд.

Ҳайати шахсии Қӯшунҳои дохилӣ ҳангоми амалиётҳои махсус оид ба безараргардонии гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ҳамеша пешсафи набардҳо буданд.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорон ва ба хотири таъмини сулҳу субот дар кишвар садҳо нафар сарбозону афсарони Қӯшунҳои дохилӣ ҷони худро қурбон кардаанд, ки хотираи неки онҳо ҳаргиз аз ёдҳо фаромӯш намегардад ва ҷасорату диловарӣ, матонату фидокории чунин фарзандони содиқи Ватан барои наслҳои имрӯзу фардо ҳамчун намунаи ибрат хизмат мекунад.

Имрӯз низ ҳайати шахсии Қӯшунҳои дохилӣ вазифаҳои хизмативу ҷангии худро бо маҳорати баланди касбӣ иҷро карда, худро ҳамчун ниҳоди боэътимоди ба мушкиливу душвориҳо тобовар нишон дода истодааст.

Дар радифи иҷрои вазифаҳои хизматии рӯзмарра саҳми Қӯшунҳои дохилӣ дар тақвияти амнияти сарҳади давлатӣ низ назаррас буда, онҳо дар ҳамкорӣ бо Қӯшунҳои сарҳадӣ дар ҳимояи сарҳади давлатӣ саҳми арзишманд гузошта истодаанд.

Мо имрӯз аз қисми ҳарбии навтаъсиси Қӯшунҳои дохилӣ боздид кардем. Иншооту биноҳои қисми ҳарбӣ ба таври замонавӣ бунёд гардида, дар онҳо тамоми шароиту имкониятҳои зарурӣ муҳайё карда шудаанд, ки ин ҳама барои шумо – афсарону сарбозон мебошад.

Мо хуб медонем, ки ташкили шароити мусоид барои пешбурди хизмат омили асосии таъмини омодабошии ҷангии воҳидҳои ҳарбӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ин мақсад дар зарфи даҳ соли охир дар қисмҳои ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ якчанд иншооту биноҳои нав сохта, тамоми қисмҳои ҳарбӣ аз таъмири асосӣ бароварда шудаанд.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки мо бояд ба тарбияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва мунтазам баланд бардоштани тайёриву малакаи ҷангии афсарону сарбозон минбаъд низ диққати махсус диҳем ва барои онҳо шароит муҳайё созем, ки дар баробари пеш бурдани хизмат ба Ватан ҳатман ба касбомӯзӣ, забономӯзӣ ва обутоби ҷисмонӣ машғул шаванд.

Шумо - афсарону сарбозони далеру ҷасури Ватан фаромӯш насозед, ки ҳар яки мо дар назди наслҳои имрӯза ва ояндаи Ватан барои ҳимояи соҳибихтиёрии давлати худ ва таъмин намудани рушду инкишофи он, эъмори Тоҷикистони ободу озод ва неруманду пешрафта, муқаддас донистани озодиву ҳуқуқи шаҳрвандон ва бунёди ҷомеаи адолатпарвар масъул ва вазифадор мебошем.

Бовар дорам, ки ҳар яки шумо - фарзандони содиқи Ватан барои амалӣ гардидани ин мароми нек ҳиссагузор хоҳед буд.

Шумо бояд доимо дар ёд дошта бошед, ки оромиву осоиштагии диёри азизи мо бар ивази ҷоннисорӣ, матонату шуҷоат ва иродаи қавии ҳазорон нафар сарсупурдагони роҳи озодиву истиқлол ба даст омада, таъмини амнияти кишвар ва ҳаёти осудаи мардуми шарифи он минбаъд аз ҳисси баланди масъулияти шахсӣ ва қобилияту маҳорати касбии ҳар яки шумо вобастагӣ дорад.

Ман ба қудрату тавоноӣ, далериву мардонагӣ ва садоқату вафодории хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои низомӣ, аз ҷумла Қӯшунҳои дохилӣ, ба давлату миллат ва сарзамини муқаддасамон итминони комил дорам.

Бори дигар тамоми кормандони милитсия ва ҳайати шахсии Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилиро дар арафаи Рӯзи милитсияи тоҷик табрик гуфта, ба ҳамаи шумо тандурустӣ, рӯзгори обод ва дар кору зиндагиатон барору комёбӣ орзу менамоям.

**Ҷашни касбӣ муборак бошад, ҳомиёни қонунияту тартибот ва фарзандони содиқи Ватан!**

# ТАҚВИЯТБАХШӢ БА МЕЪЁРҲОИ ТАНЗИМКУНАНДАИ СОҲАИ РЕКЛАМА

(Идома аз саҳ. 1)

Аз рӯи масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод мегардад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади содагардонии расмиёти дохилидавлатии таҳия ва тасдиқи созишномаҳои қарзию грантӣ ва дигар кумакҳои молиявӣ омода гардида, тибқи он, ба моддаи 5 қонуни мазкур муқаррарот оид ба муайян намудани «Тартиби баргузории гуфтушунидҳо, баимзорасонӣ ва барои тасдиқ (ратификатсия) пешниҳод намудани шартномаҳои байналмилалӣ вобаста ба кумаки берунаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад» илова карда шуда, аз сархати 6 моддаи 11 калимаҳои «кумакҳои иқтисодӣ, кумакҳои дигар» дар ҳолати пешбинӣ нагардидани имтиёзҳои андозбандӣ аз мавриди ҳатмии тасдиқ (ратификатсия) хориҷ карда мешавад.

Инчунин, ҷиҳати такмили лоиҳаи қонун дар қисми 1 моддаи 7 ва қисми 2 моддаи 12 тағйирот ворид карда шудааст, ки он хусусияти таҳрирӣ дорад.

Дар баробари ин, бо мақсади аз байн бурдани такроршавӣ, моддаи 14 ва муқаррароти қисми 3-и моддаи 26-и қонун аз лоиҳа хориҷ карда мешаванд.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Аз рӯи масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Файзулло Баротзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзулло БАРОТЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми октябри соли 2022 таҳти рақами 1392 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот ва барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардида буд.

Он бо мақсади ҷорӣ гардидани тартиби ягонаи баргузории гуфтушунидҳо, баимзорасонӣ ва тасдиқи шартномаву созишномаҳои байналмилалии молиявӣ таҳия шудааст. Тибқи тағйирот, ба лоиҳаи қонуни мазкур, расмиёти ҷалби маблағи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ва афзоиши иқтидори ҷалби бештари маблағҳои грантӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ сода гардонида мешавад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, бахри такмили он дар маҷмӯъ 6 таклиф манзур намуданд, ки аз он 3 таклиф қабул ва 3 пешниҳод қисман қабул шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:-** Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» шурӯъ менамоем. Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Муҳамадулло Шерализода дода мешавад. Марҳамат.

**Муҳамадулло ШЕРАЛИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Гулзода, Б. Ҷабборӣ, Д. Одилзода, Ф. Додхудо, К. Ҳакимова ва Ҳ. Раҷабзода таҳия гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 - юми июни соли 2022 таҳти №1273 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот ва барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардида буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади тақвият бахшидан ба меъёрҳои танзимкунандаи соҳаи реклама, бо ҳам мутобиқ ва мукаммал намудани меъёрҳо, инчунин мушаххас намудани бархе аз муқаррароти қонуни амалкунанда ва рушди механизмҳои идоракунии соҳа таҳия ва пешниҳод шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, бахри такмили он дар маҷмӯъ 18 таклиф манзур намуданд, ки аз он 13 таклиф қабул, 4 - қисман қабул ва як таклиф қабул нашуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» шурӯъ менамоем. Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Муҷибахон Ҷавҳарӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Фаттоҳзода, П. Маликзод, М. Ҷавҳарӣ, Ф. Баротзода ва М. Юсуфӣ таҳия гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми июни соли 2022, таҳти №1261 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот ва барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардида буд.



Он бо мақсади фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати гузаштан ба пахши рақамӣ, иҷрои уҳдадориҳои Тоҷикистон дар назди Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС), инчунин мутобиқгардонии меъёрҳои қонуни амалкунанда ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таҳия ва пешниҳод карда шудааст. Дар лоиҳаи қонуни мазкур, аслан тағйирот ба моддаҳои 11, 21, 23, 28, 31 ва 33 пешниҳод карда шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро дар умум ҷонибдорӣ намуда, бахри такмили он дар маҷмӯъ 15 таклиф манзур намуданд, ки аз он 8 таклиф қабул, 4 - қисман қабул ва 3 таклиф қабул нашуд.

**РАИС: -** Боз кӣ дар ин хусус сухан кардан мехоҳад? Марҳамат.

**Насиба СОДИҚӢ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

